*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/4).*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзӯи "Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, пешниҳод шудааст.**

Маориф, соҳаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва тандурустӣ, ки самараи баланди иҷтимоӣ доранд, ба неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дохил мешаванд. Истеъмоли ин неъматҳо, пеш аз ҳама, вобаста ба ҳадафҳои сиёсӣ ё иҷтимоии ҷомеа зарур ва матлуб маҳсуб мешавад. Ғайр аз ин, неъматҳои мазкур ба доираи эҳтиёҷоти якумдараҷа, яъне эҳтиёҷоти ҳаётан муҳим дохил карда шудаанд. Бинобар ин, барои неъматҳои мазкур принсипи истисно шудан ба осонӣ муқаррар шуда, вобаста ба ин, истеҳсол ва таъминоти он дар заминаи механизми бозор ташкил карда мешавад.

Дар низоми иқтисодӣ як бахши фаъолияти иқтисодӣ ҷудо гардидааст, ки дар он механизмҳои бозории тақсимоти неъматҳо пурра баррасӣ карда нашудаанд. Дар ин робита илме ташаккул ва инкишоф ёфт, ки бо омӯзиши хусусиятҳои хоси бахши давлатии иқтисод машғул аст. Дар бахши давлатӣ принсипи ҳамкории бозор ва давлат ҳангоми ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти муҳимми иҷтимоӣ қарор дорад.

Вобаста аз ин мавзӯи интихобнамудаи Азимова Муқадасхон саривақтӣ ва муҳим дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, дониста мешавад.

Дар автореферат муаллиф рушди низому иқтидори институтсионалии бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоиро ҳамчун механизми идоракунии он, инчунин хусусиятҳои минтақавии фаъолияти бахши мазкурро дар соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки ки неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ метавонанд дар асоси принсипи бозорӣ ба таври хусусӣ пешниҳод шуда бошанд. Вобаста ба ин муаллиф ду усули пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоиро ҷудо кардааст: **усули якум** - аз ҷониби давлат (муассисаҳои давлатӣ) пешниҳод намудани неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ. Аммо ин амал то сатҳи иҷтимоие, ки

дар Конститутсия сабт шудааст, анҷом дода мешавад ва берун аз ин сатҳ ба таври музднок ба субъектҳои бахши хусусӣ ё субъектҳои ғайридавлатӣ пешниҳод карда мешавад. Дар **усули дуюм** - ташкили пешниҳоди хусусии неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ: а) дар асоси шартнома байни ташкилоти ҷамъиятӣ ва корхонаҳои хусусӣ; б) тариқи додани иҷозатнома ба субъектҳои бахши хусусӣ барои истифода кардани фаъолияти иқтисодӣ вобаста ба намудҳои алоҳидаи неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамчунин хусусиятҳои хос ва меъёрҳои асосии бозори неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро тавсиф додааст. (С. 12-13)

Диссертант дар автореферат Бо мақсади муайян кардани мавқеи соҳаҳои маориф ва тандурустӣ ба афзоиши МММ-и Суғд муаллиф таҳлилии коррелятсионӣ – регреесионӣ анҷом додааст, ки барои таҳияи ояндабинии дурнамои рушди идоракунии бахши давлатии иқтисодиёт дар истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои (хизматрасониҳои) муҳимми иҷтимоӣ истифода шаванд. (С.17)

Дар баробари ин, новобаста аз тавсифи муназзами автореферати пешниҳодгардида, муаллиф омилҳои муайянкунандаи дараҷаи рушди устувори бахши давлатиро дар истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ аосонок мекард хуб мебуд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Азимова Мукадасхон Муҳамедовна дар мавзӯи “Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, муаллифи он сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт мебошад.

**Дотсенти кафедраи “Молия ва қарз”-и**
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон**
**н.и.и.** **Миразизов А.Ҳ.**

**Имзои н.и.и Миразизов А.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсуси ДСРТ** **Раҳимов А.А.**

ОТДЕЛ КАДРОВ